# Худхоҳӣ ва дигар корҳое рух хоҳад дод, ки онро инкор хоҳед кард." Гуфтанд: Эй Расули Аллоҳ! (дар он ҳолат) моро ба чӣ амр мекунӣ? Гуфт: " Он ҳаққе, ки бар шумо аст, анҷом медиҳед ва он чи барои шумо аст, аз Аллоҳ мехоҳед

Аз ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки гуфт: "Худхоҳӣ ва дигар корҳое рух хоҳад дод, ки онро инкор хоҳед кард." Гуфтанд: Эй Расули Аллоҳ! (дар он ҳолат) моро ба чӣ амр мекунӣ? Гуфт: " Он ҳаққе, ки бар шумо аст, анҷом медиҳед ва он чи барои шумо аст, аз Аллоҳ мехоҳед."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки мусалмононро волиёне идора мекунанд, ки амволи мусалмонон ва дигар умури дунёи ононро дар ихтиёри худ мегиранд ва онро чунон ки мехоҳанд сарф мекунанд ва ҳаққи мусалмононро аз онон боз медоранд. Ва аз онон дар амри дин чизҳое сар мезанад, ки мавриди инкор аст. Саҳобагон (разияллоҳу анҳум) пурсиданд, ки дар ин ҳолат бояд чӣ кор кунанд? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки худхоҳии онон ва ба ихтиёри худ гирифтани амвол сабаб нашавад, ки он чи дар бораи онҳо бар уҳдаи шумо аст, яъне шунидан ва итоат кардан аз ононро анҷом надиҳед. Балки сабр кунед ва гӯш фаро диҳед ва итоат кунед. Ва дар амри ҳукумат бо онон низоъ накунед ва аз Аллоҳ ҳаққе, ки барои шумостро бихоҳед ва бихоҳед, ки ононро ислоҳ намуда ва шарру зулми ононро дафъ кунад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee